Барои ҳифзи Ватан, таҳкими Истиқлолият
ва амнияти миллӣ тайёрем!

# Родмардон

Мо аз ҷавонони кишвар умеди бузург дорем, ташаббусҳои созандаашонро минбаъд низ ҳамаҷониба дастгирӣ мекунем ва аз фаъолияти онҳо ба хотири рушду таҳкими давлатдории миллиамон ҳамеша қадрдонӣ менамоем.

Эмомалӣ Раҳмон

№4 (228)
23 апрели соли 2025

Нашрияи тарбияи ҳарбию ватанпарастии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Татбиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***
***Дар бораи ба эҳтиёт рухсат додани хизматчиёни ҳарбие, ки мӯҳлати муқаррааргардидаи хизмати ҳарбиро адо кардаанд ва даъвати навбатии шаҳрвандони солҳои таваллуди 1998-2007***
***Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати ҳарбӣ***

## Ба савганд содиқ мемонем

10 апрели соли 2025 дар майдони сафоройи қисми ҳарбии 051055-и Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ифтихори сержантону сарбозоне, ки тибқи даъват хизмати ҳарбиро бо муваффақият анҷом дода, ба эҳтиёт рухсат шуданд, ҷамъомади тантанавӣ, баргузор гардид. Тибқи анъанаи низомиён Парчами ҷангии Гвардияи миллӣ ба майдон бароварда шуда, тахти оҳангҳои мутантани оркестри ҳарбӣ Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо дод. Ҳайати шахсӣ дар ҳамовозӣ бо оркестри ҳарбӣ суруди миллиро иҷро намуданд. Сипас, сардори Сарситоди Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-майори гвардия Азаматзода Баҳриддин сарбозонро бо ин рӯзи фаромушнашавандаи хизмати ҳарбӣ табрик намуда, таъкид кард, ки умедворем, аз ин баъд ҳам Шумо бо ифтихор ва ҳисси баланди ватандӯстӣ ҳамеша дастовардҳои кишвари соҳибистиқлолро муҳофизу нигаҳбон ҳастед ва ба савганди ҳарбӣ то нафаси охирин содиқ мемонед.

Дар идомаи ҷамъомад сарбозоне, ки хизмати Модар-Ватанро бо нишондодҳои баланд ва интизоми намунавӣ ба итмом расондаанд, бо ифтихорнома, мактубҳои минатдорӣ ба волидон аз номи фармондеҳи Гвардияи миллӣ ва рутбаҳои навбатии ҳарбӣ сарфароз гардонида шуданд.

Сипас, сарбозон бо яке аз муқаддастарин нишонҳои хизмати ҳарбӣ - Парчами ҷангии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамеша ҳамсафу фахри онҳо буд, хайрбод гуфтанд.

Ҷамъомади тантанавиро тахти оҳангҳои мутантани ҳарбӣ расми гузашти низомӣ анҷом бахшид.



## Даъвати баҳории ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ

Дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷавонони синни даъвати солҳои таваллудашон 1998-2007 ба сафҳои Артиши миллии кишвар шомил гардиданд. Дар рӯзи аввали даъват аксарият шаҳру навоҳии кишвар дар натиҷаи саъю кӯшиш ва фаъолияти дастҷамъонаи кормандони мақомоти марбута, падару модарон, аҳли ҷомеа ва ташаббуси бевоситаи ҷавонони худогоҳ нақшаи даъватро сарбаландона иҷро намуданд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷавонони ба ору номуси кишвар пеш аз ҳама моҳияти Ватан-Модар, муқаддас будани сарзамини аҷдодӣ ва ҳимояи ҳар ваҷаб хоки поки Ватанро дарк карда метавонанд ва баҳри ҳифзу ҳимояи он ҳамеша омода ҳастанд.

То оғози мавсими даъвати баҳории шаҳрвандон тибқи нақшаи чорабиниҳои тасдиқгардида Маркази тайёрии кадрҳо ва ротаҳои таълимии қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ба қабулу ҷобаҷогузории наваскарон омода шуданд. Хобгоҳу ошхона, синфхонаҳои таълимӣ, хонаҳои маишиву фароғатӣ, майдонҳои варзишиву тактикӣ, майдони сафоройӣ, нуқтаҳои тиббӣ ва дигар мавзеъҳои пешбарии хизмат барои наваскарон аз нав таъмиру таҷдид карда шуданд.

Тавре сардори шуъбаи ташкил ва сафарбарии Сарситоди Гвардияи миллӣ полковники гвардия Қурбоналӣ Исоев иброз намуд: "Мавсими даъват муташаккилона идома дорад. То 22 апрели соли 2025 нақшаи даъват дар ҷумҳурӣ 95% ва дар Гвардияи миллӣ 82 % иҷро гардидааст.

Сардори Маркази тайёрии кадрҳои Гвардияи миллӣ полковники гвардия Раҳимзода Олим барои қабулу ҷобаҷогузории наваскарон бевосита машғул буда, аз воридшавӣ то охирон нуқтаи будубош, яъне ҷойи хоб онҳоро назорат ва ҳайати шахсии марказро барои пурсамар гузаронидани курси ибтидоии ҳарбӣ роҳнамоӣ мекунад. Ҳамчунин барои аз рӯзи аввали хизмат ба таълиму тарбияи ҳарбӣ фаро гирифтани наваскарон афсарону сержантони болаёқатро интихоб намуда, равандӣ омӯзиш, тартиби муқаррааргардидаи пешбурди хизмат ва дигар шароиту имкониятҳои марказро бевосита назорат мебарад.

-Аз рӯзи ворид шудани наваскарон ба хизмати ҳарбӣ мо маҷмуи чорабиниҳои асосиро амалӣ менамоем. Бо ҳар як наваскар алоқаи суҳбатҳои фардӣ гузаронида, сатҳи дониш, қобилияту тахассуси онҳоро муайян мекунем. Ҳамчунин наваскарон дар ҳайати гурӯҳ ба омӯзиш ва машғулиятҳои ибтидоии хизмати ҳарбӣ фаро гирифта мешаванд. Дар ин раванд подполковники гвардия Юсуфзода Амриддин, командири баталёни таълимӣ ва командирони ротаҳо, ки афсарони ҷавонанд, саҳми арзанда доранд. Кор бо наваскарон мураккаб буда, масъулиятро тақозо мекунад,-мегӯяд, сардори Маркази тайёрии кадрҳо.




Қобили зикр аст, ки раванди ҷобаҷогузории наваскарон, ба таълими ибтидоии ҳарбӣ фаро гирифтани онҳо ва ба савганди ҳарбӣ омода шудани наваскарон то охири моҳи май идома хоҳад ёфт.

Полковники гвардия
Хайринисо КОМИЛЗОДА

Панди рӯз

## Вақт

*Рӯзҳо мегузаранд,*
*Рӯзҳо аз сари мо,*
*Аз дили мо мегузаранд.*
*Хабари соати дидору*
*ҷудоӣ бар лаб,*
*Аз раҳи манзили мо мегузаранд.*

*Ба назар*
*Мо ҳама бояст зи умр*
*Судҳо бардорем.*
*Бояд аз рӯз ба рӯз*
*Асаре бигзорем.*
*Бояд аз рӯз ба рӯз*
*Боз ҳам бихраду солор шавем.*
*На чу дирӯза*
*Ба як қоида такрор шавем.*

*Лек тадбир куҷост?*
*Гарчи дирӯз ба сад саҳву*
*хатое бигузашт,*
*Рӯзи дигар ба дигар саҳву*
*хато мегузарад.*
*Чун ба таҳқиқ ту бар ҳилкати*
*одам нигарӣ,*
*Ростӣ,*
*Ин ҳама аз кутаҳии ақли*
*расо мегузарад…..*

*Аҷаб аст ин, аҷаб аст!*
*Гоҳ мо бо ҳама донодилию доноӣ*
*Рӯзро кӯр кунем.*
*То надонем, ки ин оқибати*
*кӯрдилист,*
*Худфиребист,*
*Ва ё*
*Ҳеҷ кам аз худкушӣ нест.*

*Хоҳам имрӯз ба парвозгаҳи*
*вақту фазо,*
*Муддате бол кушоем,*
*ки парвоз кунем.*
*Ҳар дари боз бубинем,*
*ба кас бинмоем,*
*Ҳар дари баста бубинем,*
*ба кас боз кунем*
*Хоҳам имрӯз бипурсем зи*
*худ то чӣ касем?*
*Гар расидем ба Зӯҳрову*
*ба Маҳтоб, чӣ хуш,*
*Вақти он аст, ки бо худ бирасем!*

*Вақти он аст, ки эй аҳли назар,*
*Вақти худро гузаронем аз вақт.*
*Вақти он аст, ки эй аҳли ҳунар,*
*Қадри худро гузаронем аз вақт!*

*…. Рӯзҳо мегузаранд,*
*Рӯзҳо аз сари мо*
*Аз дили мо мегузаранд.*
*Гар натонем ҳақи хеш*
*ситонем аз вақт,*
*Рӯзҳо ҳар яке чун қотили*
*мо мегузаранд.*

*Лоиқ ШЕРАЛӢ*

# Интихобот кафили ояндаи дурахшон



Санаи 2-юми марти соли 2025 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоботи даъвати нави вакилон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва ба маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо баргузор гардид. Шаҳрвандони кишвар бо рӯҳияи баланди ватандӯстиву хештаншиносӣ дар ин маракаи сиёсии кишвар иштирок намуда, ба номзади арзандаи хеш овозҳои худро гузоштанд. Тибқи иттилои ниҳодҳои дахлдор дар мамлакат 41 ҳавзаи якмандатии интихобот ва 3513 участкаи интихоботӣ ташкил гардида, ҳамзамон дар 28 давлати дунё 36 участкаи интихоботӣ барои шаҳрвандони бурунмарзии Тоҷикистон таъсис дода шуда буд. Дар интихоботи вакилон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва ба маҷлисҳои вакилони халқ аз 6 ҳизби сиёсӣ 68 номзад ба қайд гирифта шуд.

Натиҷаи овоздиҳии интихобот аз ҷониби Комисияи интихобот чунин натиҷагирӣ шуд:

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон 2 миллиону 435 ҳазору 541 нафар ё 51,9 фоиз

Ҳизби Аграрии Тоҷикистон 986 ҳазору 887 нафар ё 21 фоиз

Ҳизби Демократии Тоҷикистон 237 ҳазору 563 нафар ё 5,1 фоиз

Ҳизби Ислоҳоти Иқтисодии Тоҷикистон 595 ҳазору 281 нафар ё 12,7 фоиз

Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон 89 ҳазору 738 нафар ё 1,9 фоиз

Ҳизби Сотсиалистии Тоҷикистон 248 ҳазору 64 нафар ё 5,3 фоиз

Дар маҷмуъ аз 5 миллиону 522 ҳазору 38 нафар интихобкунандагони ба рӯйхат дохилшуда 4 миллиону 712 ҳазору 967 нафар интихобкунандагон дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ иштирок намуданд, ки 85.3 фоизи интихобкунандагонро ташкил медиҳад.

Санаи 28 марти соли 2025 таҳти роҳбарии Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Худоёрзода ҷаласаи Комиссияи марказӣ баргузор гардид. Дар ин ҷаласа 25 нафар бо гирифтани шумораи зиёдтари овози вакилони интихобкунанда дар ҳавзаҳои интихоботии бисёрмандатӣ аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардида, ваколатҳояшон тасдиқ карда шуд. Бояд гуфт, ки аз 25 нафари интихобгардида, 5 вакил аз ВМКБ, 5 вакил аз вилояти Суғд, 5 вакил аз вилояти Хатлон, 5 вакил аз шаҳри Душанбе ва 5 вакили дигар аз шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ интихоб гардиданд.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 3 апрели соли 2025 дар бораи таъин намудани аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум ба имзо расид. Тибқи моддаи 49-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон "Аз чор як ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мекунад".

19 марти соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум интихоб намудани Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз масъалаҳои иҷлосия ба шумор мерафт, сурат гирифт.



Идизода ФАЙЗАЛӢ
Раиси Маҷлиси намоянда гони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тариқи овоздиҳии пинҳонӣ ба мақоми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо овози ҳамаи вакилони вакил аз ҳавзаи интихоботии Рашт №12 Идизода Файзалӣ интихоб карда шуд.

Пас аз ин котиботи иҷлосия, муовини якум ва муовинони раиси Маҷлиси намояндагон тавассути воситаҳои овоздиҳии электронӣ интихоб карда шуданд.

Ба вазифаи муовини якуми раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вакил аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ Шермуҳаммад Шоҳиён ва муовинҳои Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - вакил аз ҳавзаи интихоботии Хуҷанд, рақами 13 Мавсума Муинӣ ва вакил аз ҳавзаи интихоботии № 41 -Хоруғ Гиёсода Азиз интихоб гардиданд.

Чуноне ки Хадамоти матбуотии сарвари мамлакат иттилоъ дод, 11 апрели соли 2025 иҷлосияи якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум баргузор гардид. Дар он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуданд.



Рустами ЭМОМАЛӢ
Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аъзои Маҷлиси миллӣ тариқи овоздиҳии пинҳонӣ номзадии муҳтарам Рустами Эмомалиро ба вазифаи Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ карданд.

Раиси интихобшудаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди ҳозирин сухан гуфта, барои садоқат ба давлат ва мардуми Тоҷикистон савганд ёд намуданд. Дар идомаи иҷлосия Аҳмадзода Раҷаббой муовини якуми Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мирзонабот Алишер Худобердӣ муовини Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданд ва онҳо низ дар навбати худ дар назди ҳозирин сухан гуфта, савганди садоқат ёд намуданд.

Ҳамин тавр, Рустами Эмомалӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Идизода Файзалӣ Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардиданд.

Таҳияи
Ёқубҷон
СУЛТОНАЛИЗОДА

# Фаъолияти бойгонӣ дар қисмҳои ҳарбӣ

Комиссияи ташхисии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси нақшаи корӣ, ки аз ҷониби фармондеҳи Гвардияи миллӣ тасдиқ шудааст, аз 7 апрели соли 2025 фаъолияти бойгонидории қисми ҳарбии 051056 -ро мавриди санҷиш қарор дода, ҳамзамон ба шахсони масъули ин самт ёрии амалӣ расониданд. Комиссия дар раванди санҷиш мавҷудият, ҳолати омода кардан, барасмиятдарории парвандаҳо, ҳуҷҷатгузорӣ барои супоридан ба бойгонӣ ва тартиби нигоҳдории ҳуҷҷатҳои ғайримахфии қисми ҳарбиро мавриди санҷиш қарор дод. Барои беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти ҳамарӯза ва мунтазам нигоҳ доштани тартибу низом дар бойгонӣ ба роҳбарияти қисми ҳарбӣ пешниҳод карда шуд, ки ҷиҳати ба кор қабул намудани як нафар ба вазифаи мутахассиси самти бойгонидорӣ ҳуҷҷатҳои заруриро ба роҳбарияти Гвардияи миллӣ пешниҳод намоянд. Зеро вазифаи бойгонидорӣ дар қисмҳои ҳарбӣ ба зиммаи сардори қисми сафӣ вогузор карда шудааст. Бинобар сабаби зиёд будани сарбории қисми сафӣ масъулини он ба пуррагӣ аз ӯҳдаи иҷрои вазифаҳои самти бойгонидорӣ баромада наметавонанд. Албатта, дар баробари пешниҳод бо командири қисми ҳарбӣ дар мавзӯи беҳтар намудани шароити хизмат дар бойгонӣ суҳбат карда, ба масъулини бойгонӣ дар қисми ҳарбӣ ёрии амалии худро расондем.

Ҳамзамон бо мақсади расонидани ёрии амалӣ ба коргузории бойгонидории қисми ҳарбии 051056 бо директори Бойгонии давлатии вилояти Суғд Ҷаркинзода Гулчеҳра ва мудири бахши бойгонии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд Маҳмудова Таҳмина мулоқот намудем. Онҳо пешниҳоди моро бо хушнудӣ пазируфтанд.

Санҷиши фаъолияти бойгонӣ дар дигар қисмҳои ҳарбӣ идома дорад.



Майори гвардия
Абдувосит РАСУЛЗОДА,
сардори Бойгонии марказии раёсати корҳои фармондеҳии Гвардияи миллӣ

## Фаъолияти Гвардияи миллӣ дар се моҳи соли 2025

15 апрели соли 2025 дар Маркази миллии таълимии мубориза бо терроризм ва маводи мухаддир бо иштироки сардори Сарситод-муовини аввали фармондеҳи Гвардияи миллӣ ва дигар муовинони фармондеҳи Гвардияи миллӣ, сардорони раёсатҳо, шуъбаҳои алоҳида, командирони қисмҳои ҳарбӣ ҷаласаи ҷамъбасти фаъолияти Гвардияи миллӣ дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ гузаронида шуд.

Маҷлисро сардори Сарситод-муовини аввали Фармондеҳи Гвардияи миллӣ оғоз намуда, иҷрои бандҳои нақшаи чорабиниҳои асосӣ, протоколҳои маҷлиси назди Фармондеҳи Гвардияи миллӣ ва таҳлили ҷамъбасти ҳафтаина, ки аз тарафи командирони қисмҳои ҳарбӣ гузаронида мешавад, санҷиши шахсони масъули қисмҳои ҳарбиро, ки аз рӯйи самтҳо гузаронида шудаанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.

Дар давраи ҳисоботӣ тибқи Нақшаи ягонаи чорабиниҳои асосии Гвардияи миллӣ аз тарафи раёсату шуъбаҳо ва хадамотҳои фармондеҳӣ 225 чорабинӣ пешбинӣ гардида, ҳамаи онҳо иҷро карда шудаанд. Дар давраи ҳисоботӣ фаъолияти ҷузъу томҳои Гвардияи миллӣ назар ба ҳамин давраи соли 2024 беҳтар баҳогузорӣ гардид.

Дар давоми семоҳаи аввали соли равон қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллӣ 355 маротиба бо ишораҳои гуногуни омодабошии ҷангӣ мавриди санҷиш қарор гирифтанд. Ҳайати роҳбарикунанда, аъзои комиссия, ки аз ҳисоби афсарони ботаҷрибаи раёсату шуъбаҳои фармондеҳӣ ташкил шудааст, дар рафти чорабинӣ камбудиҳоро ошкор намуда, барои ислоҳи он санад тартиб доданд. Ҳамчунин, ба ҳайати роҳбарикунанда ва шахсони масъули самти омодабошии ҷангӣ ёрии амалӣ расонданд.

Ҳарчанд дар давоми се моҳи сипаришуда дар самтҳои асосии фаъолияти Гвардияи миллӣ нақшаи чорабиниҳои зиёд амалӣ гардидааст, вале дар баробари комёбиҳо норасой ва камбудиҳо низ ҷой доранд.

Дар ҷаласа таъкид гардид, ки натиҷаҳои фаъолияти хизматчиёни ҳарбӣ дар самти тайёрии ҷангӣ, ҳангоми тирпаронӣ, натиҷаҳо ва таҳлили вазъи интизоми ҳарбӣ дар қисмҳои ҳарбӣ, тартиби нигоҳдорӣ, баҳисобгирӣ, истифода ва хизматрасонии силоҳ ва муҳимоти ҷангӣ дар баъзе қисмҳои ҳарбӣ, сари вақт пешниҳод намудани ҳисоботҳои молиявӣ аз ҷониби қисмҳои ҳарбӣ беҳбудӣ мехоҳад. Барои пешрафт ва ислоҳи камбудиҳо ба масъулини самтҳои номбаршуда дар фармондеҳӣ ва қисмҳои ҳарбӣ вазифаҳои



мушаххас гузошта шуд.

Дар охири ҷаласа сардори Сарситод-муовини аввали фармондеҳи Гвардияи миллӣ ба 30-солагии фаъолияти Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 34 - солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон, ки моҳи сентябр таҷлил мешаванд ёдовар шуда, таъкид кард, ки ин санаҳои бузурги таърихиро бо омодабошии баланди ҷангӣ ва дастовардҳои намоёни хизматӣ пешвоз мегирем.

Подполковники гвардия
Асрор РАҲИМЗОДА,
сардори шуъбачаи
протоколҳои раёсати
корҳои фармондеҳӣ



## Хизмат идома меёбад

Аз аввали моҳи январи соли равон дар Маркази тайёрии кадрҳои Гвардияи миллӣ барномаҳои мукаммали курсҳои таълимӣ оғоз гардида, муддати се моҳ идома ёфтанд. Дар баробари курси командирони хурд, мутахассисони хурди техникӣ ва афсарони ҷавон, курси прапоршикон низ муддати се моҳ идома ёфта, ба курси мазкур сарбозону сержантоне, ки 1 солу 9 моҳ, дар сафҳои Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо интизоми баланди ҳарбӣ ва шавқу рағбат хизмат кардаанд, ҷалб гардиданд. Барномаи мукаммали курси прапоршиконро номзадҳои арзанда сарбаландона хатм карда, ба рухсатии асосӣ гусел карда шуданд.

Баъди бозгаш аз рухсатӣ, санаи 15 – уми апрели соли равон дар саҳни Маркази тайёрии кадрҳо ва таълимоти ҳарбӣ хатмкардагони курси мазкур, зиёда аз 30 нафар, бо фармони Фармондеҳи Гвардияи миллӣ бо рутбаи ҳарбии прапоршики гвардия сарфароз шуда, ҳамчунин ба вазифаҳои хизматӣ таъин гардиданд. Онҳо идомаи хизматро дар воҳидҳои хизмати комендантӣ ва таъиноти махсус мегузаронанд.

Дар раванди таълиму тарбияи курси прапоршикон дар баробари мураббиёни Маркази тайёрии кадрҳо барои қабул ва омода кардани ҳуҷҷатгузорӣ ва ташкили хизмати онҳо саҳми подполковники гвардия Неъматуллозода Абдуносир аз раёсати кадрҳо ва таълимоти ҳарбӣ хеле калон мебошад.

## Машварат идроку хушёрӣ диҳад

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ташкилу ба роҳ мондани фаъолияти ҳайати идоракунандаи тайёрии ҷангии ҷузъу томҳои Гвардияи миллӣ ҳангоми қабул ва омода намудани захираҳои сафарбарӣ дар Маркази миллии мубориза бо терроризм ва маводи мухаддир гвардия ҷамъомади таълимӣ баргузор гардид. Дар ҷамъомади мазкур, ки таҳти роҳбарии масъулини самти тайёрии ҷангӣ ташкил гардид, командирони сатҳу зинаҳои гуногун иштирок доштанд. Роҳбарони машғулият пеш аз ҳама тартиби омода кардани ҳуҷҷатҳои роҳбарикунанда, барномаҳои тайёрии ҷангӣ доир ба омода кардани ҳайати шахсиро мавриди назар қарор дода, нақшаҳои фаъолияти минбаъдаро омода карданд.

Дар марҳилаи дигари ҷамъомади таълимӣ дар машғулиятҳои назариявӣ талабот ва супоришҳои ҳайати фармондеҳӣ барои муайян намудани мӯҳлату мавқеи омода кардани ҳайати захираҳои сафарбарӣ ва дигар воситаву маводҳои таълимӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт. Қобили зикр аст, ки захираҳои сафарбарӣ ҷавонмардони баркамоле мебошанд, ки алакай хизмати ҳарбиро дар ҷузъу томҳои гуногун аз худ кардаанд. Аз ин рӯ омӯзиш барояшон хеле осон даст медиҳад. Ҳамчунин дар



доираи барномаи таълимӣ аз ҷониби шуъбаи илмӣ-ҳарбии раёсати тайёрии ҷангӣ дастурҳои методӣ омода карда шудааст. Дар асоси ин дастурҳо ҷадвали дарсӣ ва дигар тадбирҳо амалӣ мешаванд.

Дар марҳилаи дигари ҷамъомади мазкур сардори шуъбаи ташкилӣ ва сафарбарии Сарситоди Гвардияи миллӣ дар бораи тартиби иҷрои маҷмӯи чорабиниҳо дар замони осоишта, тайёрӣ, таъминот ва дигар масъалаҳои зарурии ин самт маълумот дод. Мавзӯи дигар ва аз лиҳози рисолати инсону қарзи фарзандӣ ва вазифаи шаҳрванд хеле муҳим ҳам мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт ва он доштани нангу номус, шарафи ватандориву ватандӯстӣ, садоқат ба халқу Ватан, ифтихору худшиносии миллӣ ва ҳифзу мудофиаи дастовардҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Албатта, ин хислату арзишҳои беҳтарини инсонӣ бояд аз оила, мактаб, умуман дар байни аҳли ҷомеа тарбия карда шаванд. Дар ҳолати мавҷуд будани ин арзишҳо дар барномаҳои таълимӣ барои захираҳои сафарбарӣ онҳоро тақвияту такмил додан имконпазир аст, дар акси ҳол камманфиат ва бемаврид хоҳанд буд.

### Ҷамъомади таълимӣ

Дар марҳалаи дигари ҷамъомади таълимӣ, дар машғулиятҳои намоишӣ бо назардошти таҷрибаи ҷангҳои муосир, ҷиҳати таъмин намудани бехатарии ҳайати шахсӣ аз дастгоҳҳои парвозкунандаи бесарнишин, аксуламалҳои мубориза бар зидди он ва дигар масъалаҳои муҳим мавриди омӯзиш қарор гирифт.

Дар ҷамъбасти ҷамъомади таълимӣ ҳайати роҳбарикунанда ва командирони сатҳу зинаҳои гуногуни хизмати ҳарбӣ машғулият ва марҳалаҳои ҷамъомадро баррасӣ карда, ба чунин натиҷа расиданд, ки ҷиҳати давра ба давра тақвият додани фаъолияти ҳайати идоракунандаи тайёрии ҷангӣ дар қисмҳои ҳарбӣ, тарзу усулҳои омода кардани захираҳои сафарбарӣ бо назардошти таҳдиду хатарҳои замони муосирро бозсанҷӣ намуда, пайгирӣ менамоянд. Зеро пайваста сайқал додани маҳорату малакаи касбии ҳайати идоракунандаи фаъолияти тайёрии ҷангӣ барои қабул ва омода намудани захираҳои сафарбарӣ ва баҳо додан ба фаъолияти тайёрии ҷангии қисмҳои ҳарбӣ ҳангоми қабул намудани онҳо масъулияти ҷиддиро талаб менамояд.

Полковники гвардия
Хайринисо КОМИЛЗОДА

Дар партави паём

# Аз сифати таълим то ба сифати аҳолӣ

Ҳар куҷое ки сухан дар бораи тамаддуну фарҳанг, забон ва оини давлатдорӣ меравад, мардуми башардӯсти тоҷик худро сарбаланду сарафроз эҳсос мекунад. Зеро имконнопазир аст, ки нафаре ва ё манбаи боэътимоде пайдо шаваду дар бораи таърихи пурғановат ва миллати куҳанбунёд будани тоҷикон ҳадсу гумонҳои бад бизанад. Бо шарофати истиқлоли давлатӣ ва саҳми шоистаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон халқи тоҷик ба ҷомеаи ҷаҳонӣ бо чеҳраву симои хоси миллӣ, ташаббусҳои умумиҷаҳониву умумиинсонӣ, бо дастоварду пирӯзиҳо ва бозёфтҳои фарогири фарҳанги башарӣ бори дигар ворид гардид. Барои ҳар як шаҳрванди мамлакат боиси ифтихор ва шарафи бузург аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарзамини таърихӣ, дорои сарватҳои бойи табиӣ, кишвари сайёҳӣ ва макони чашмаҳову обу ҳавои тоза умр басар мебарад.

Дар шароити кунунӣ ва вазъияти ҳассосу нооромии ҷаҳони имрӯза, ки аксар давлатҳо бо мушкилоти бархурди тамаддунҳо, низоъҳои сиёсӣ ва дигар пайомадҳои нав дучор гаштаанд, ҳар як шаҳрванди кишварро масъулияти бештаре ба зимма аст, то ин ки дар ҳама ҳолат ба муқобили ҳама газандҳо истодагарӣ карда тавонад. Насли ҷавони имрӯза ваояндасозони Тоҷикистони азиз бояд нахуст аз таърихи халқи бузурги хеш бархурдор бошанд. Зеро, тавре ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби хеш "Чеҳраҳои мондагор" таъкид мекунанд-"Онҳое, ки таърихи халқи худро намедонанд, аз лаззати ҳисси ифтихори миллӣ маҳрум мешаванд ва зуд асири фарҳангҳои дигар мегарданд". Дар ин росто дар баробари ҷавонону наврасон ҳар як шаҳрванди кишварро мебояд, ки аз таърихи гуҳарбори худ ва абармардони хирад сабақи ватандориву вафодорӣ омӯхта, дар ҳалли мушкилиҳои рӯзмарра, амалӣ гаштани нақшаҳои созанда ва аз ҳама муҳим дар роҳи таълиму тарбияи фарзандон саҳмгузор бошанд.

Дар зарфи 33 соли соҳибистиқлолӣ Тоҷикистони азиз аз рӯзҳои тиррагаштаи мардум, аз мушкилиҳои ҳангуфт, аз беҳокимиятии сиёсӣ баромад. Бо устуворӣ ва мустақилият қадам ниҳода, имрӯз ба як кишвари орому осоишта, ки дорои ҳама гуна арзишҳои миллӣ, пояҳои устувори давлатдорӣ ва ҳадафҳои муҳими стратегӣ мебошад, табдил ёфтааст. Ҳамчунин, Тоҷикистон ба яке аз кишварҳои амнтарини ҷаҳон мубаддал гардидааст. Албатта, расидан ба ин рӯзҳои нек, ба ин муваффақкияти давлатдорӣ, ки кори басо мураккаб аст, акнун дар саҳифаҳои нави таърих ҷой гирифтаанд. Аз ин рӯ, расидан ба қадри истиқлолу озодӣ ва ҳамчун як шаҳрванди ин кишвар саҳм гузоштан дар ободиву пешрафт, вазифаи ҷонии ҳар яки мо ба шумор меравад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ иброз доштанд, ки сифати давлат на ба шумораи аҳолӣ, балки ба сифати аҳолӣ вобаста мебошад. Ҳамчунин, хитоб карданд, ки сабаби асосии бадбахтии ҳар як миллат ва давлат эътибор надодан ба мактабу маориф, саҳланкорӣ дар тарбияи кӯдак аз хурдсолӣ ва фароҳам наовардани муҳити мусоиду солим барои таълиму тарбия мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксар нафароне, даст ба кирдорҳои ношоиста ва ҳатто амалҳои террористиву ифротгароӣ мезананд, ки онҳо шахсони бесавод буда, на дониши мукаммали динӣ, на дунявӣ доранд. Аз ин ҷост, ки масъалаи баланд бардоштани сифати таълим ва босавод гардонидани аҳолӣ дар меҳвари таваҷҷуҳи роҳбарияти олии кишвар қарор дорад. Худ қазоват кунед, агар як нафар аз аҳолии Тоҷикистон дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон Парчами давлатии Тоҷикистонро баланд бардорад, чӣ қадар обрӯ ва нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ боло мешавад. Агар бараъкс, як нафар шаҳрванди кишвар даст ба амалҳои норавои инсонӣ занад, боиси паст гардидани обрӯи давлат ва сархамии миллат мегардад. Пас бояд, ҳар як шаҳрванди кишвар дар кори таълиму тарбия бетараф набошад. Барои насли наврасро дар рӯҳияи ифтихори миллӣ, дӯст доштани Ватан тарбия намудан ва ба ин васила баланд бардоштани мавқеъ ва нуфузи кишвари азизамон, камари ҳиммат бандад.



Майори гвардия
Неъматуллои ХОЛИҚ
рӯзноманигор-афсари
калони шуъбаи иттилоот
ва робита бо ҷомеа

Агар ҳар як фарди ҷомеа ба кори таълиму тарбия худро бетараф нагузошта, беш аз пеш ба рафтору кирдор ва солимии муҳити фарзандон диққати аввалиндараҷа зоҳир намояд, ва омӯзгорони гиромиқадр, ки касби мурраккабу пурифтихорро бар ӯҳда доранд, минбаъд ҳам бо боло гузоштани манфиатҳои давлату миллат ва дараҷаи олии таълим худро машғул намоянд, кишвари азизамон боз ҳам дар роҳи рушд ба пешравиҳои рӯзафзун ноил хоҳад гашт.

# Оқибатҳои ногувори терроризм ва экстремизм

***Ҷаҳони пуртазоду нооромӣ муосир ҷавонони кишварро водор месозад, ки аз таҳаввулоти босуръати сайёра ҳамеша огоҳ бошанд, худ ва ҳамсолонашонро аз таъсири мафкураи радикаливу ифротӣ ва хурофотпарастӣ эмин нигоҳ доранд, барои ҳифзи истиқлолу озодии сарзамини аҷдодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ҳамеша омода бошанд. Вобаста ба ин, бори дигар таъкид месозам, ки хурофот ҷаҳолат аст ва ҷаҳолат ба ҷомеа танҳо бадбахтӣ меорад.***

***Эмомалӣ Раҳмон***

Терроризму экстремизм - ҳамчун вабои аср бо амалу ҳодисаҳои номатлуб ба сулҳу субот, амнияти сайёра ва пойдории давлатҳо таҳдиду хатарҳои нав ба нав эҷод намуда, оқибатҳои фоҷиабору харобиовари ҷамъиятиву сиёсӣ ва маънавиро ба бор овардааст. Тибқи маълумотҳои расонаӣ дар зарфи солҳои охир зиёда аз сад мамлакати дунё ҳадафи амалҳои террористӣ қарор гирифтааст, ки дар натиҷа садҳо ҳазор нафар аҳолии осоишта ба ҳалокат расида, миллионҳо нафар манзилу макони зисташонро тарк кардаанд. Бояд зикр намуд, ки бар асари амалҳои террористӣ бештар одамони бегуноҳ, занону кӯдакон ба ҳалокат расида, манзилҳои истиқоматӣ, шаҳру деҳот ва ёдгориҳои таърихӣ хароб гардидаанд, ки ба ҳисоби миёна зарари ба мардум ва иқтисодиёти кишварҳо расонидашуда садҳо миллиард долларро ташкил медиҳад.

Тибқи маълумоти коршиносон имрӯз дар ҷаҳон беш аз 500 ҳизбу ҳаракатҳои динию ифротгаро, созмону ташкилоти террористию экстремистӣ ба таври ошкорову пинҳонӣ амал мекунанд ва ҳамасола барои мақсаду амалҳои террористӣ дар ҷаҳон аз 5 то 20 миллиард доллар сарф мегардад. Ҳоло терроризм беш аз пеш хатари фаромиллӣ ва умумибашариро касб намудааст, ки тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ аз хатари ин падидаи номатлуб ба амнияту суботи ҷомеа, муносибатҳои байналхалқӣ, бехатарии давлатҳо ва ҳаёти осоиштаи шаҳрвандон ба изтироб омадаанд.

Дар замони имрӯза интернет, хусусан шабакаҳои иҷтимоӣ яке аз воситаҳои асосӣ барои паҳн



намудани сабту наворҳои видеоӣ ва таблиғотии созмону ташкилотҳои террористию экстремистӣ ба шумор мераванд. Сатҳи пасти донишҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва динии ҷавонону наврасон боиси ба осонӣ пайвастани онҳо ба гурӯҳҳои ифротӣ мегардад. Бо дарназардошти он ки қишри зиёди ҷомеаи моро ҷавонон ташкил медиҳанд, таҳиягарони амалҳои террористию экстремистӣ ва хоинони миллату давлат кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ҳар чӣ бештар ба мафкураи қишри ҷавони ҷомеа таъсир расонида, қувваи бузурги онҳоро барои ҳадафҳои ғаразноку ноҷавонмардонаи хеш истифода баранд.

Аз ин ҷиҳат, ҳар як фарди соҳибшуур ва бомаърифати ҷомеа, махсусан хизматчиёни ҳарбӣ, ки аксариятро ҷавонон ташкил медиҳанд, зарур аст дар истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ эҳтиёткор бошанд, ба афкори барғалати чеҳраҳои сиёсии ноаён фирефта нашаванд, ҳамеша дар ҷустуҷӯ ва омӯзиши илму ҳунар буда, маърифати ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии хешро баланд бардоранд ва ба ин васила дар таҳкими сулҳу суботи сиёсӣ, ваҳдату ягонагӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ саҳмгузор бошанд.

Вазъи имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳар яки моро водор месозад, ки баҳри нигоҳдории якпорчагии Тоҷикистони азиз, ҳифзи сулҳу оромӣ, истиқлолу озодӣ ва Ваҳдати миллӣ аз як гиребон сар бароварда, ба қадри ин ду неъмати бебаҳо, яъне Истиқлолияти давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ бирасем, онро пос дорем, агар лозим ояд дар роҳи дифои Ватан ҷони худро дареғ надорем.

Подполковники гвардия
Фарҳод МУЗАФФАРИЁН,
сардори шуъбаи тайёрии
тарбияи ватандӯстии
раёсат оид ба корҳои
сиёсӣ-тарбиявӣ

Муассис:
Гвардияи миллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

сомонаи расмӣ: www.gmjt.tj
E-mail: gmjt.info.tj@mail.ru

Оғози нашр:
25 январи соли 2006

Ҳайати таҳрир:
Сардори шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеа полковники гвардия Хайринисо Комилзода, Неъматуллои Холиқ, Ёқубҷон Султонализода хабарнигорон.

Мушовирон:
Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти гвардия Бобоҷон Ҷамолзода, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон Зулфиқор Гулахмадзода, муовини раиси Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Рудобаи Мукаррам.

Идораи мохнома ба андешаҳои муаллифони маводҳо на ҳама вақт ҷонибдор аст. Масъулияти саҳеҳии санаду иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст. Маводҳо аз АМИТ «Ховар» истифода шуданд.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 706 аз 20 январи соли 2006 ба қайд гирифта шудааст.

Дизайн: А. Насриддинов

Суратгир: М. Шоев

Адади нашр: 500 нусха